**Диққат: Маълумоти шахсӣ ва суроғаи дар ин намуна овардашуда сохта мебошанд. Ҳангоми омода намудани ариза, Шумо бояд ба ҷои онҳо насаб, ном, номи падар, суроға ва вазъияти воқеии оилавии худро ворид намоед. Аризаро дар ду нусха тартиб диҳед, якеашро аз шахсе, ки аризаро қабул мекунад бо зикри ному насаб ва қайди санаи воридот, бо худ мегиред.**

Ба иҷрочии калони суди шаҳри Хуҷанд

аз номи Каримова Аниса Рустамовна,
истиқоматкунандаи шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 12, бинои 33, ҳуҷраи 8,
рақами телефон: 92 545 34 54

Қарздор: Каримов Парвиз Ҳомидович,
истиқоматкунандаи шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 20, бинои 18, ҳуҷраи 15,
рақами телефон: 92 777 17 77

# А Р И З А

/дар бораи оғоз намудани истеҳсолоти иҷро/

Дар асоси Ҳалномаи Суди шаҳри Хуҷанд аз 10 феврали соли 2025, ҷавобгар Каримов Парвиз Ҳомидович вазифадор аст, ки барои таъминоти фарзандонамон: Каримзода Адиба Парвиз (таваддудаш 13 июли соли 2018) ва Каримзода Мансур Парвиз (таваллудаш 26 январи соли 2021) ҳар моҳ ба фоидаи ман Каримова Аниса Рустамовна ба андозаи 1/3 - барои ду фарзанд, аз ҳамаи намудҳои даромадаш, алимент пардохт намояд.

Дар асоси ин санад Варақаи иҷро № 2-45/2026 аз 20 феврали соли 2026 қабул шудааст. Аммо, қарздор уҳдадориҳои худро иҷро накарда, аз санаи 20 апрели соли 2026 инҷониб ба ман маблағ барои таъминоти кӯдак пардохт накардааст. Ӯ аз супоридани алимент қасдан саркашӣ намуда, ба зангҳову талабҳои ман аҳамият намедиҳад.

Мувофиқи моддаи 114 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаҳои 43 ва 44 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро”, иҷрочии судӣ вазифадор аст, ки андозаи қарзи алиментро ҳисоб намуда, барои маҷбуран рӯёнидани он чораҳо андешад.

Бинобар навиштаҷоти дар боло овардашуда, бо дастрасии моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро” аз Шумо эҳтиромона,

ХОҲИШ ДОРАМ:

1. Барои оғоз намудани истеҳсолоти иҷро нисбати қарздор Каримов Парвиз Ҳомидович дар асоси Варақаи иҷро № 2-45/2026 аз 20 феврали соли 2026 мусоидат намоед;
2. Қарзи алименти шаҳрванд Каримов Парвиз Ҳомидовичро аз санаи 20 апрели соли 2025 то санаи 25 августи соли 2025 ҳисоб карда, қарори дахлдор қабул намоед;
3. Барои рӯёнидани қарзи мазкур чораҳои маҷбурии иҷро андешида, аз ҷумла муваққатан маҳдуд намудани баромада рафтани қарздор аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоед;
4. Дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун ба ман ҷавоби хаттӣ пешниҳод намоед.

Замима:

1. Нусхаи шиносномаи ман;
2. Ҳалномаи Суди шаҳри Хуҷанд аз 10 феврали соли 2025;
3. Варақаи иҷро № 2-45/2026 аз 20 феврали соли 2026;
4. Маълумотномаи суратҳисоби бонкӣ.

Аризадиҳанда: ________________ Каримова Аниса Рустамовна

(имзо)

25 августи соли 2025